Симпозиуми байналмилалӣ

Тайи рӯзҳои 29 – 30 июни соли 2017 дар донишгоҳи технологии Тоҷикистон симпозиуми байналмилалии технологияҳои иттилоотӣ «Пешбурди технологияҳои иттилоотӣ дар осиё -2017» баргузор гардид.

Ташаббускори баргузориии симпозиуми мазкур Донишгоҳи технологии Тоҷикистон буда аз тарафи ташкилотҳои «Трансформатсияи байналмилалии технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон - ITIRC» ва «Ташкилоти байналмилаии татқиқотҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ – WITIT» дастгирӣ карда шуд. Дар кори симпозиум 9 нафар аз Кореяи Ҷанубӣ, 1 нафар аз ИМА, Намояндаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони таълимгоҳҳои олии ҷумҳурӣ, кормандону омӯзгорони ДТТ иштирок варзиданд.

Дар кушодашавии симпозиум сафири Ҷумҳурии Корея дар Тоҷикистон ҷаноби Ли Вуҷуд бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуд. Ҷаноби сафир оиди ҳамкориҳои дуҷонибаи байни Корея ва Тоҷикистон изҳори ақида намуда, қайд намуд, ки баояндаи Чумҳурии Тоҷикистон боварии калон дорад ва Корея тайёр аст, ки барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон саҳми сазовор гузорад ва бо таҷрибаи Ҷумҳурии Корея оиди ба рушд расидан шинос намояд.

Дар оғози симпозиум инчунин  Президенти ITERC Чаноби Пак Даичул, директори WITIT Чаноби Ли хун Мин бо суханҳои ифтитоҳӣ баромад намуда оғози ҳамкориҳои ДТТ бо ширкатҳои Корея дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ қайд намуда, изҳор доштанд, ки ҳамкориҳо дар ин  самт васеъ хоҳад шуд. Дар назар дошта шудааст, ки дар соли таҳсили 2017-2018 ду нафар мутахассисони кореягӣ ба донишҷуён оиди фанни барномасозӣ дарс хоҳанд дод. Тайи ду рӯз мутахассисони кореягӣ оиди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар рушди иқтисодиёти Корея маърузаҳои муфассал намуда, бо дастовардҳои Корея дар ин самт шинос намуданд.